Камоли одамӣ дар илм бошад

# Молия ва иқтисод

№ 9
(198)
10 январи соли 2023

Оғози нашр: 7. 03. 2013
www.tgfeu.tj

НАШРИ МАХСУС

Нашрияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН

**20.12.2022, шаҳри Душанбе**



20 декабр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Синои пойтахт бинои нави таълимии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистонро ба истифода доданд.

Бинои нави таълимӣ дар доираи нақшаи чорабиниҳо ба ифтихори 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади боз ҳам баланд бардоштани сифати таълиму тарбия дар асоси стандартҳои муосири байналмилалӣ дар партави сиёсати маорифпарваронаи роҳбарияти олии давлат ва Ҳукумати мамлакат аз ҳисоби маблағҳои махсуси донишгоҳ бо тарҳу лоиҳаи муосир ва бо дарназардошти унсурҳои меъмории миллӣ бо сифати баланд бунёд гардида, аз таҳхона ва 5 ошёна иборат аст.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки бинои нав барои 6 ҳазор ҷойи нишаст дар ду баст пешбинӣ гардида, дорои 66 синфхонаи барҳавои лексионӣ, аз ҷумла озмоишгоҳҳои кафедраи фаъолияти гумрукӣ, иқтисоди рақамӣ, маркази бонки таълимӣ ва шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълим, 25 ҳуҷраи корӣ, 4 толори конфронсӣ, лексионӣ, шурои диссертатсионӣ ва дигар иншооти ёрирасон мебошад. Ҳамчунин дар бино ду лифти замонавӣ насб гардидааст.

Зимни шиносоӣ бо имконоти фароҳамгардида дар Озмоишгоҳи таълимии кафедраи фаъолияти гумрукӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба дастгоҳу таҷҳизоти замонавии омӯзишӣ, ки таҷрибаи нахустин дар муассисаҳои олии таълимии мамлакат мебошад, таваҷҷуҳ намуда, истифодаи пурсамари шароити мавҷударо аз омӯзгорону донишҷӯён талаб намуданд.

Дар ин синфхонаи муҷаҳҳази таълимӣ барои гузаронидани машғулиятҳои амалии донишҷӯён, аз ҷумла дастгоҳи навини муоинаи рентгенӣ, камераҳои мушоҳидавӣ, роҳравҳои сурху сабзи ишоратӣ дар хати сарҳад, металло - детектор, монитор ва дигар воситаҳои таълимии соҳавӣ гузошта шудааст.

Донишҷӯён имкон доранд, ки дар ин синфхона дар асоси татбиқи донишҳои назариявӣ дар амалия бо фаъолияти гумрукӣ бештар ошно гардида, ҳамчун мутахассис оянда кору фаъолияти босамар намоянд.

Бо таъсиси озмоишгоҳи таълимию таҷрибавии иқтисодиёти рақамӣ дар бинои нави таълимии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар асоси талаботи муосир сифат ва самаранокии ин фанни таълимӣ ба маротиб баланд бардошта мешавад.

Чунки дар ин озмоишгоҳ таҷҳизоти муосири информатсионию коммуникатсионӣ, дастгоҳҳои сабти видео ва аудиолексияҳо насб карда шуда, аз ниғоҳи технологӣ ва методӣ маркази мукаммалу замонавии таълимию таҷрибавӣ ба шумор меравад.

Таъсиси ин озмоишгоҳ имкон медиҳад, ки минбаъд раванди рақамикунонии фанҳои таълимӣ, таҳияи наворҳои иттилоотию иртиботӣ, аудио ва видеолексияҳо тақвият бахшида шуда, ин усули самарабахш дар раванди таълим васеъ ҷорӣ карда шавад.

Дар баробари ин, таъминоти барномавӣ ва таҷҳизоти озмоишгоҳ барои донишҷӯён ва магистрантон ҷиҳати ташкил ва амалӣ намудани тадқиқоти илмӣ, аз ҷумла таъсиси гурӯҳҳои илмӣ мусоидат менамояд.

Маркази бонки таълимӣ бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти таъмини пешрафти низоми миллии бонкдорӣ ва бо ин роҳ рушди иқтисодиёти рақамӣ дар назди кафедраи фаъолияти бонкии донишгоҳ ташкил гардидааст.

С. 2

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН

**20.12.2022, шаҳри Душанбе**

Мақсад аз ташкили ин марказ баланд бардоштани савияи дониши назариявӣ ва амалии донишҷӯён дар самти фаъолияти низоми молиявӣ дар муассисаҳои бонкӣ мебошад. Бо истифода аз имконоти фароҳамгардида минбаъд дар марказ кадрҳои баландихтисоси соҳавӣ омода карда мешавад.

Дар бинои нави таълимӣ, инчунин шуъбаи мониториг ва идораи сифати таълим ба фаъолият оғоз намуд.

Ин шуъба ҳамчун ҷузъи таркибии раёсати таълимии донишгоҳ ба шумор рафта, бо мақсади амалӣ намудани нақшаҳои умумидонишгоҳӣ оид ба такмил ва татбиқи барномаҳо ва чорабиниҳо барои назорат ва рушди сифати таълим таъсис дода шудааст.

Бо истифода аз дастгоҳу таҷҳизоти насбшуда дар ин шуъба мутахассисон раванди сифати иҷрои барномаҳои таълимиро дар сохтори муассиса назорат карда, фаъолияти он тибқи талаботи барномаи идоракунии сифати таҳсилот барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст. Шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълим дорои ҳуҷраи кории алоҳида буда, он бо таҷҳизот ва маводҳои зарурӣ таъмин гардидааст.



Таъкид кардан ба маврид аст, ки Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дорои 5 бинои таълимӣ, 6 факултет, 19 кафедраи тахассусӣ ва 8 кафедраи умумидонишгоҳӣ мебошад. Дар ин муассисаи таълимӣ мутахассисони соҳаи молия, иқтисод, технологияҳои инноватсионию коммуникатсионӣ, ҳуқуқи иқтисодӣ ва фаъолияти гумрукию оморӣ омода карда мешаванд.

Дар донишгоҳ 19 доктори илм, 140 номзади илм, 215 муаллими калону ассистент ва дар умум 373 омӯзгор ба 9 ҳазору 468 донишҷӯ дарс медиҳанд.

Иттилоъ дода шуд, ки дар соли таҳсили 2022 -2023 дар асоси нақша, қабули довталабон ба донишгоҳ аз рӯи 6 ихтисоси нав, аз ҷумла иқтисоди рақамӣ, бехатарии иқтисодӣ, идораи давлат ва ҳуқуқ, амнияти компютерӣ, кибернетикаи иқтисодӣ ва идораи давлатӣ ба роҳ монда шудааст. Айни ҳол дар донишгоҳ 2300 адад таҷҳизоти муосири информатсионию коммуникатсионии навъи гуногун мавҷуд мебошад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз таъсиси озмоишгоҳҳои замонавӣ ва марказҳои инноватсионии аз худ кардани малакаҳои касбӣ барои донишҷӯён дар бинои нави таълимии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ки дар самти амалишавии нақшаву барномаҳои таълимӣ, хусусан татбиқи ҳадафҳои “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф”, солҳои 2020 - 2040 мусоидат мекунанд, изҳори қаноатмандӣ карда, барои истифодаи васеи имконоти омӯзишӣ ба масъулон дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

**http://prezident.tj/**

# НУСРАТИ ҚАДАМҲОИ МУБОРАКИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

20 декабри соли 2022. Ин сана ба ҳайати бисёрнафараи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон барои абадан ҳамчун рӯзи таърихӣ ва фаромӯшношуданӣ боқӣ хоҳад монд. Дар ин рӯзи офтобӣ, барҳақ ҳам офтоби дурахшоне дар ин боргоҳи маърифат падид омад, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба донишгоҳ қадам ранҷа намуда, бинои таълимиро ифтитоҳ карданд.



Ин ташрифот барои аҳли коллективи меҳнатии таълимгоҳ ва донишҷӯён як воқеаи фараҳбахш буд ва аз таваҷҷуҳи беандозаи Пешвои миллат ба соҳаи маориф ва муҳайё сохтани шароити мусоид барои таълиму тарбия ва умуман, шароити хуби зиндагии мардуми кишвар далолат медиҳад.

Аз рӯйи мушоҳидаҳо маълум аст, ки ба куҷое, ки Пешвои миллат сафар мекунанд, албатта, он ҷо ободу гулзор ва файзу баракот фузун мегардад. Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон низ бо қудуми муборaки Сарвари давлат бо озмоишгоҳҳои замонавии беназир ва шароити мусоид барои донишазхудкунӣ муҳайё гардид, ки бешак, ин ҳама ба шарофати дастгириҳои бевоситаи Пешвои миллат сурат гирифтааст.

Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон зодаи даврони истиқлол буда, маҳз бо ташаббусу дастгириҳои Пешвои миллат ин муассиса ба донишгоҳ мубаддал гардид ва дар байни муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар ҷойгоҳи хоссаеро соҳиб аст. Мусаллам аст, ки дар пешравӣ, дастовардҳо ва муаррифии донишгоҳ саҳми роҳбарони қаблии таълимгоҳ низ кам нест, вале бо итминони комил метавон гуфт, ки бо муташаккилӣ, ташаббускорӣ, садоқат ва масъулиятшиносии аҳли коллективи меҳнатӣ – ҳайати профессорон, омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯён мо тавонистем ба дастовардҳо ноил гардем ва таълимгоҳро ҳамчун маркази омодасозии кадрҳои соҳаи молия ва иқтисод дар мамлакат ва берун аз он муаррифӣ намоем. Албатта, ҳамаи ин пешравию музаффариятҳо аз сиёсати маорифпарваронаи Президенти муҳтарам маншаъ мегиранд.

Мусаллам аст, ки ташрифи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба донишгоҳ барои тавсеа, тақвият ва густариши фаъолияти илмию педагогии ҳайати профессорону омӯзгорон ва боло рафтани донишазхудкунии толибилмон як такони ҷиддие мебахшад. Зеро он ҳама дастуру ҳидоятҳо ва тавсияҳои бороваре, ки Пешвои миллат ба мо медиҳанд, баҳри боло бурдани сатҳи сифати таълим ва омодасозии кадрҳои баландсифати забондон равона гардидаанд.

Ин рӯйдод бори дигар моро водор месозад, ки бо неруи созандаву фаъолияти эҷодкоронаву ташаббускорона ва муносибати дилсӯзонаву содиқона, шавқу завқ ва болидарӯҳӣ барои баланд бардоштани сифати таълиму тарбия ва пешравии таълимгоҳ кӯшиш ба харҷ диҳем ва мутахассисони арзандаро ба бозори меҳнат омода созем. Таваҷҷуҳи бевоситаи Пешвои миллат ба соҳаи маориф баҳри рушд ва пешравии соҳа равона гардидааст ва аз он шароиту имкониятҳои фароҳи мавҷуда истифода бурдан вазифаи аввалиндараҷаи ҳар яки мост. Махсусан, таваҷҷуҳи хосса ба сифати таълим ва омодасозии мутахассисони соҳибтахассус моро водор месозад, ки дар фаъолияти минбаъда ва иҷрои вазифаҳои бардӯшдошта бо масъулияти дучандон меҳнат намуда, ба боварии Пешвои муаззами миллат сазовор бошем.

Дастуру ҳидоятҳои бевоситаи Роҳбари давлат вобаста ба болобурди таълим ва омодасозии мутахассисони баландихтисос бори дигар моро барои иҷрои масъулиятноки рисолати омӯзгории хеш ва дигар вазифаҳои бардӯшдошта бо азму иродаи қавӣ руҳбаланд карда, аз дирӯза дида имрӯз масъулиятамонро бештар месозад, зеро воҳӯрӣ ва ташрифи меҳмони олиқадр бояд ҳамин тавр бошад. Яъне, ба сифати фаъолияти аҳли коллективи донишгоҳ беҳбудӣ ва вусъат бахшад. Ман боварии том дорам, ки бо қадами муборaки Пешвои миллат фаъолияти донишгоҳ аз ин ҳам беҳтару самаровар ва пурнусрат хоҳад шуд.

**Абдуалимзода Ҳакимбек Абдуалим,**
**Ректори ДДМИТ**

# ОМАДАНИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ДДМИТ РӮЙДОДИ ТАЪРИХӢ БУД



Рӯзи 30-юми декабри соли 2022 дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ҷаласаи васеи ғайринавбатии шурои олимон доир гардид, ки дар он ҳайати профессорону устодон ва кормандони донишгоҳ иштирок намуданд.

Тибқи рӯзномаи ҷаласа нахуст маърузаи ректори донишгоҳ Абдуалимзода Ҳакимбек Абдуалим - ҳисобот оид ба натиҷаҳои фаъолияти ДДМИТ дар соли 2022 ва вазифаҳо барои соли 2023 шунида шуд, ки фарогири фаъолияти тамоми ҷабҳаҳои донишгоҳ дар муддати соли ҳисоботӣ буд.

Ректор дар бораи натиҷаҳои фаъолияти яксолаи таълимгоҳ муфассал суханронӣ карда, барои соли 2023 вазифаҳоро муқаррар ва масъулини соҳаҳои дахлдорро муваззаф намуд. Дар баромади мавсуф ҳамаи паҳлуҳои фаъолияти сохторҳо ҳамаҷониба таҳлил ва нисбати беҳбудӣ бахшидан дар самти корҳои таълимию методӣ, илмӣ, тарбиявӣ, равобити байналмилалӣ ва молиявию хоҷагидорӣ андешаҳои ҷолиб иброз гардид.

Сараввал ректор дар бораи дастовардҳои соли сипаригардида истода гузашт ва чунин иброз дошт:

- Соли 2022 дар хотири мардуми азизамон бо заҳмати содиқонаву софдилона барои ободии Ватани соҳибихтиёрамон, амалӣ гардидани мақсадҳои неку созанда ва дастовардҳои нав нақш хоҳад баст. Барои ҳайати устодон, кормандон ва донишҷӯёни ДДМИТ низ имсол бобарору хотирмон ва таърихӣ буд. Бори нахуст дар таърихи ин муассисаи олии касбии ҷумҳурӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ташриф оварданд ва ин рӯйдоди муҳимро ҳамагон хуш истиқбол гирифтем. Бинои панҷошёнаи таълимӣ барои 3500 донишҷӯ ба истифода дода шуд, ки дорои 66 синфхонаи барҳавои лексионӣ, аз ҷумла озмоишгоҳҳои кафедраи фаъолияти гумрукӣ, иқтисоди рақамӣ, маркази бонки таълимӣ ва шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълим, 25 ҳуҷраи корӣ, 4 толори конфронсӣ, лексионӣ, шурои диссертатсионӣ ва дигар иншооти ёрирасон мебошад. Бояд эътироф кард, ки дар соли сипаригардида Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба дастовардҳои зиёди илмӣ ноил гардид.

Боиси ифтихор аст, ки дар ин сол омӯзгорону донишҷӯён ва магистрантон дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, ба мисли "Илм - фурӯғи маърифат" Панявин Михаил Леонидович - магистранти курси 1-уми ихтисоси молия ва қарз аз рӯйи номинатсияи "Технологияҳои иттилоотӣ" соҳиби ҷойи 2-юм гардид. Инчунин, дар даври шаҳрии озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" аз рӯйи номинатсияи эҷоди назму наср Шаҳло Пиримова, донишҷӯйи курси 4-уми факултети ҳисобдорӣ ва омор сазовори ҷойи сеюм гардид.

Дар ин баробар, донишҷӯёни мо дар олимпиадаҳои байналмилалии фаннӣ иштирок ва ҷойҳои намоёнро ишғол намуданд, ки ин боиси фахри таълимгоҳ аст. Ҳамаи ин натиҷаҳои хубу сазовор боввариро ба ояндаи нек афзун намуда, барои фаъолияти пурсамари минбаъда неруи нав ато мекунад.

Ректор ҳангоми ироаи ҳисобот дар ҳамаи самтҳо аз беҳтаринҳо ёдовар шуд, ки дар самти иҷрои корҳои илмию тадқиқотӣ, корҳои тарбиявӣ, корҳои таълимӣ ва интизоми меҳнат натиҷаҳои назаррас нишон додаанд ва онҳоро барои дигарон намунаи ибрат хонд.

Аз ҷумла, футзалбозони ДДМИТ дар даври финалии мусобиқаи ҷумҳуриявӣ оид ба футзал, ки миёни дастаҳои варзишии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар доир гардид, сазовори ҷойи аввал шуданд.

Бояд қайд кард, ки рейтинги муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз соли 2017 инҷониб барои беҳтар шудани сатҳу сифати таълим, сатҳи донишандӯзии донишҷӯён, маҳорату малакаи касбии омӯзгорон ва амалӣ кардани навҷӯиву навгонӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ роҳандозӣ гардидааст ва дар зарфи 5 сол ДДМИТ мавқеашро устувор нигоҳ дошта, сазовори ҷойи 4-ум мегардад.

Дар баробари пешравиҳои фаъолияти меҳнатӣ ректор, инчунин, аз баъзе камбудиҳое ёдовар шуд, ки барои рушди таълимгоҳ монеа эҷод менамоянд, ба мисли дар сатҳи паст баргузории дарсҳои кураторӣ ва иштирок ба машғулиятҳои ҳамдигар, норасоӣ дар фаъолияти кории бархе аз кураторон эрод гирифта шуд, таҷдид намудани лексияҳои омӯзгорон ва барои ислоҳи камбудиҳо масъулин муваззаф гардиданд.

Барои соли 2023 ректор як қатор вазифаҳоро гузошт, ба мисли аз ҷониби озмоишгоҳи иқтисоди рақамӣ бобати рақамикунонии раванди таълим роҳандозии лоиҳаҳои инноватсионӣ, дар баъзе ташкилоту муассисаҳо таъсис додани филиали кафедраҳо, тақвият бахшидани нашри мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда, аз аккредитатсияи байналмилалии институтсионалӣ гузаронидани ҳамаи ихтисосҳо, ташкили озмунҳои "10 донишҷӯи беҳтарин" ва "Хушсалиқа" ва монанди инҳо, ки барои пешравии донишгоҳ, болобурди сифати таълим ва тақвияти корҳои илмию тадқиқотӣ ва тарбиявӣ замина мегузоранд.

Дар ҷамъбаст Носиров С., Бобоев Ҷ., Сафаров Б., дар музокира иштирок ва фаъолияти яксолаи донишгоҳро қаноатбахш арзёбӣ намуда, аз корҳои анҷомдодаи раёсати таълимгоҳ изҳори қаноатмандӣ намуданд ва дар ин баробар, барои пешравии фаъолияти минбаъда фикру мулоҳизаҳои мушаххас пешниҳод карданд.

Баъд аз ин, ректори донишгоҳ Ҳ. Абдуалимзода дар боби қадрдонӣ ва сарфарознамоии устодону кормандон сухан карда, натиҷаи озмуни баргузоршударо барои муайян намудани факултет, кафедра, муаллим ва куратори беҳтарини соли 2022 эълон намуд.

Ҳамин тавр, факултети беҳтарин – факултети молия ва қарз дониста шуда, бо тахтаи электронӣ ва ҳазор сомонӣ мукофотпулӣ қадрдонӣ гардонида шуд. Кафедраи беҳтарин дар самти илм – фаъолияти бонкӣ, кафедраи беҳтарин дар самти таълим – ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионӣ, кафедраи беҳтарин дар самти тарбия ва робитаҳои байналмилалӣ – иқтисодиёти рақамӣ ва логистика дониста шуда, бо ҳазор сомонӣ мукофотонида шуданд.

Муаллимони беҳтарин Маъдиев С., Мираков Қ., Буриева М., Фарайдунов Қ. бо 500 сомонӣ сарфароз гардонида шуданд. Кураторони беҳтарин – Урунбоева Н., Шодиев К., Ҳомидов Р. бо 500 сомонӣ қадрдонӣ гардиданд. Ғолибони озмунҳои ҷумҳуриявии "Илм фурӯғи маърифат" Панявин М.Л. ва роҳбараш Ғафуров П. ва "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" Пиримова Ш. ва роҳбараш Махшулов Ҷ., мудири Китобхонаи илмӣ Юнусов А. бо мукофотпулӣ сарфароз гардонида шуданд.

Ҳамзамон, ба чанд нафар устодону кормандони дигар барои дастовардҳои беҳтарин дар соли 2022 мукофотпулӣ дар ҳаҷми 500 сомонӣ ва Ифтихорнома тақдим карда шуд.

Дар баробари ин, ба ректори донишгоҳ Абдуалимзода Ҳакимбек Абдуалим барои саҳм гузоштан дар ташкили озмуни "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" Ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуд. Ба профессор Исмаилов Ш.М., Муродов Д., Бобоев Ҷ., Мирзоев А., Қодиров Ҷ. нишони Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон ва ба Асоева Б. Ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми ҶТ супорида шуд.

Дар ҷамъбаст ба муҳаққиқоне, ки мақолаашон дар маҷаллаҳои Scopus чоп шудаанд, дар ҳаҷми 500 сомонӣ, ба нафароне, ки рисолаи номзадиашон дар КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, дар ҳаҷми 5 ҳазор сомонӣ мукофотпулӣ супорида шуд. Ба 92 нафар корманди хоҷагӣ маводи озуқаворӣ – орд, равған ва биринҷ дода мешавад. Ба 6 нафар корманди раёсати тарбия ва эдвайзерони тарбия роҳхат ба истироҳатгоҳи "Хоҷа-обигарм" супорида шуд.

Ба футзалбозон ва мураббиёни онҳо, варзишгарони ғолиб низ мукофотпулӣ дода шуд.

Дар ҷамъбаст ректори таълимгоҳ аҳли толорро бо омад-омади соли нави мелодии 2023 табрик ва ба ҳозирин саломатӣ, рӯзгори обод ва дастовардҳои наврo таманно намуда, дар соли нав фаъолияти аз ин ҳам пурмаҳсулу ташаббусҳои нав ва масъулиятшиносиро хостор шуд.



**Машҳура АБДУЛЛОЕВА**

# СУРАТГУЗОРИШ АЗ ТАШРИФИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ


















# ТАШРИФИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МАСЪУЛИЯТИ МОРО ДУЧАНД МЕКУНАД



**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар таърихи худ шоҳиди ҳодисаву дастовардҳои гуногун шудааст, аз ҷумла ба даст овардани ҷоизаҳои гуногуни байналмилалӣ, ташрифи меҳмонони олиқадри дохиливу хориҷӣ, соҳиб шудан ба мақомҳои ифтихории раддабандиҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ватаниву байналмилалӣ, ғолибият дар озмуну олимпиадаҳои дохиливу хориҷӣ, таъсиси шурои диссертатсиониву ҳимояҳои зиёд дар хотираи ҳамаи мо – коллективи ёздаҳҳазорнафараи устодону кормандон ва донишҷӯёну магистрантону докторантони донишгоҳ нақш бастаанд ва ҳеҷ гоҳ фаромӯш намешаванд.**

Лекин миёни ин ҳамаи ҳодисоти дар боло ёдоваршуда ташрифи Пешвои муаззами миллат ба ДДМИТ ҳодисаи бузургтарин дар таърихи донишгоҳамон мебошад. Бо ташрифи худ Пешвои миллат ба муассисаи мо файзу сафо оварда, рӯҳияи кории ҳамаи моро боз ҳам баландтар бардоштанд. Бо дастгирии бевоситаи Пешвои миллат имрӯзҳо дар ДДМИТ тамоми шароитҳо барои таълиму тарбияи ҷавонон фароҳам оварда шудааст. Донишгоҳ, ки худ зодаи замони соҳибистиқлолӣ аст, тӯли солҳои соҳибихтиёрӣ соҳаҳои молиявию иқтисодии хоҷагии халқи кишварро бо кадрҳои баландихтисос таъмин карда истодааст, ки самараи дастгириҳои давлату Ҳукумат мебошад.

Боиси ифтихори ҳамаи аҳли коллективи ДДМИТ аст, ки ҳангоми ироаи Паёми Пешвои миллат аз шароитҳои хуби таълимии донишгоҳ шахсан Сарвари давлат ёдовар шуданд. Таъкиди боз ҳам беҳтар кардани сатҳу сифати таълим масъулияти ҳар як устоду корманди донишгоҳро боз ҳам баландтар мебардорад. Моро зарур аст, ки дар ҷавоб ба дастгириву ғамхориҳои роҳбарияти олии сиёсии мамлакат тамоми кӯшиши худро ба харҷ диҳем ва ҷавобгӯ ба суханҳои хуби Пешвои миллат нисбати донишгоҳамон бошем.

Пешвои миллат ҳамчун ҳомии илму маориф дар тӯли фаъолияти сиёсии худ барои рушди ин соҳа диққати ҷиддӣ медиҳанд. Аз ҷумла, ҳамасола дар сохтори буҷети давлатӣ маориф дар ҷойи аввал меистад. Таъсиси ҳазорон муассисаҳои таҳсилоти миёна, даҳҳо муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, стипендияи байналмилалии «Дурахшандагон», Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мукофотҳои гуногуни давлатӣ, ташкили квотаи президентӣ аз ҷумлаи он иқдомҳое мебошанд, ки барои рушди илму маорифи тоҷик роҳандозӣ шудаанд. Дар ҷавоб ба чунин ғамхориҳо ҳар яки мо - маорифчиёни кишварро зарур аст, ки тамоми кӯшишу талоши худро баҳри амалӣ сохтани ҳадафҳои созандаи давлату Ҳукумати Тоҷикистон равона созем.

**ҶУРАХОНЗОДА Б.Ҷ.,**
**муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим**

# ОЛИТАРИН ПАДИДАИ СОЛ



Барои ҳайати бисёрнафараи профессорону устодон ва кормандону донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон олитарин рӯйдоди фараҳбахши соли 2022 ин иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи бинои нави таълимӣ мебошад. Солҳо мегузаранд. Кадрҳо иваз мешаванд. Муҳити илмиву таълимии муассисаи мо низ бо мурури замон ва талаботи ҷомеа ташаккул меёбад. Дар ин муассиса падидаҳои беназире ба миён хоҳад омад, аммо олитарин ва ногузиртарин падидае, ки барои ҳамешагӣ дар дебочаи шавкгузори таърихи ташаккули Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон хоҳад монд, ин ташрифи Пешвои муаззами миллат ва ифтитоҳи бинои нави таълимии муассиса аз ҷониби Роҳбари давлат мебошад.

Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар фазои маориф ва илми кишвар маҳсули эҷоди сиёсати маорифпарваронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст. Бинед, барои ин ҳайате, ки дирӯзу имрӯз дар донишгоҳи мо фаъолият доштанду доранд ва ё тарбиятдидаи ин боргоҳи илмиву таълимӣ мебошад, аз ин зиёдтар чӣ чиз фараҳмандовар мешуда бошад, ки дар як панҷсола бо дастгириҳои созандаи Пешвои миллат муассисаи мо такмил ёфта, аз донишкада ба донишгоҳ табдил дода шуда, ду бинои нави таълимӣ сохта мавриди истифода қарор гирифтанд ва яке аз ин биноҳо бевосита бо иштироки Пешвои муаззами миллат ифтитоҳ ёфтанд?! Ба дурустӣ, ки ҳеҷ чиз.

Ташрифи Пешвои миллат ба донишгоҳи мо дар баробари он ки мояи ифтихори мо буда, таърихи ташаккули донишгоҳро зебову рангин ва намоёну барҷаста гардонид. Аз сӯйи дигар, масъулияти волои милливу ватандӯстиро ба мо вогузор намуд. Рисолати ҳар як устоду корманди ин муассиса пас аз ин сидқану самимӣ тарбия ва ба камол расонидани мутахассисони дорои донишҳои муосири касбӣ, ахлоқи барҷастаи меҳнатӣ, ҳисси баланди худшиносиву худогоҳӣ ва ватандӯстидошта мебошад.

Тавре Президенти маҳбуби кишвар дар Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ифтитоҳи бинои нави таълимӣ ва шароитҳои мавҷудаи он ёдовар шуда, таъкид доштанд: «Сатҳу сифати таълимро баланд бардошта, мутахассисони ба талаботҳои байналмилалӣ ҷавобгӯйиро омода намудан лозим», мо мутмаинем ба дарки волои ин сухан сарфаҳм рафта, рисолати худро назди миллату Ватан иҷро менамоем.

Дарвоқеъ, такроран қайд менамоям, ки соли 2022 барои ҳайати профессорону устодон ва кормандону донишҷӯёни донишгоҳи мо соли бобарору фаромӯшнашаванда маҳсуб мешавад, вале мо дар ин росто, орзуи онро дорем, ки соли 2023 аз ин ҳам соли бобарору пур аз музаффариятҳо гардад.

**Бунавшамоҳ ҚОДИРОВА,**
**муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ**

# ОЗМОИШГОҲИ ТАЪЛИМИЮ ТАҶРИБАВИИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ

Сол то сол раванди рақамикунонии тамоми соҳаҳо дар кишвар ба роҳ монда шуда, ба пешравиҳо ноил гардида истодааст. Дар ин раванд, муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ низ ба дастоварду комёбиҳои нав ноил мегарданд, ки барои пешрафти кору фаъолият ва омода намудани кадрҳои ба талаботи бозори ҷаҳонӣ ҷавобгӯ мусоидат менамояд.

Озмоишгоҳи таълимию таҷрибавии иқтисодиёти рақамӣ назди кафедраи иқтисоди рақамӣ ва логистика низ дар ин самт яке аз тадбирҳои зарурӣ ба шумор рафта, дар бинои нави таълимии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти таъмини пешрафти рушди иқтисодиёти рақамӣ таъсис дода шудааст. Озмоишгоҳ дар асоси талаботи муосир таъсис дода шуда, сифат ва самаранокии фанҳои таълимии марбут ба иқтисоди рақамиро бамаротиб баланд мебардорад. Зеро, дар ин озмоишгоҳ таҷҳизоти муосири информатсионию коммуникатсионӣ, дастгоҳҳои сабти видео ва аудиолексияҳо насб карда шуда, аз нигоҳи технологӣ ва методӣ маркази мукаммалу замонавии таълимию таҷрибавӣ ба шумор меравад.

Таъсиси ин озмоишгоҳ имкон медиҳад, ки минбаъд раванди рақамикунонии фанҳои таълимӣ, таҳияи наворҳои иттилоотию иртиботӣ, аудио ва видеолексияҳо тақвият бахшида шуда, ин усули самарабахш дар раванди таълим васеъ ҷорӣ карда шавад.

Дар баробари ин, таъминоти барномавӣ ва таҷҳизоти озмоишгоҳ барои донишҷӯён ва магистрантон ҷиҳати ташкил ва амалӣ намудани тадқиқоти илмӣ, аз ҷумла таъсиси гурӯҳҳои илмӣ мусоидат менамояд.

Вобаста ба ин, самти таҳлилии озмоишгоҳи иқтисоди рақамӣ ба лоиҳаҳои таҳлилӣ ва тадқиқотӣ дар соҳаи технологияҳои рақамӣ, иқтисодиёт, таҷрибаи байналмилалӣ ва сиёсати танзимкунанда равона карда шудааст. Дар ин озмоишгоҳ барномаҳои таҳлилӣ насб шудаанд, ки аз тарафи омӯзгорону таҳлилгарон, унвонҷӯёну магистрантон ва донишҷӯён мавриди истифода қарор мегиранд.

Инчунин, тибқи дастури ректори ДДМИТ Абдуалимзода Ҳ.А. дар ин озмоишгоҳ қабули таҷрибаомӯзони дохилидонишгоҳию беруна низ ба роҳ монда мешавад.

Бояд гуфт, ки кафедраи тахассусии иқтисоди рақамӣ ва логистика дар тайёр кардани мутахассисон тавассути ин озмоишгоҳ аз рӯйи ихтисосҳои 1-25011026 - иқтисоди рақамӣ, 1-3103060104 - технологияҳои иттилоотии идора дар иқтисодиёт, 1-26020323 - логистика ва 1-31030407 - технологияҳои иттилоотӣ дар низомҳои молиявӣ мусоидат менамояд. Донишҷӯён баъд аз хатми донишгоҳ соҳиби тахассуси дусоҳавии «иқтисодчӣ-информатик», «математик-иқтисодчӣ», «маркетолог-иқтисодчӣ» ва «математик-барномасоз» гашта, дар марказҳои таҳлилӣ, молия, бонк, андоз, гумрук, суғурта ва ғайра кору фаъолият карда метавонанд.

**Парвиз ҒАФУРОВ,**
**мудири кафедраи иқтисоди рақамӣ ва логистика**

# ҲАДАФ: БОЛО БУРДАНИ СИФАТИ ТАЪЛИМ

**Бо ташрифи Пешвои миллат ба донишгоҳ бо мақсади ифтитоҳи бинои нави таълимӣ, алалхусус ба шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълим ва таъкидҳо доир ба баланд бардоштани сатҳи сифати таълим зарур аст, ки ба дараҷаи донишу донишазхудкунии донишҷӯён эътибори махсус дода, ба бозори меҳнат мутахассисони рақобатпазирро омода ва пешкаш намоем. Ин кор, албатта, ба фаъолияти пурсамари ҳар як омӯзгор вобаста буда, аз ҳар шахс масъулияти бештареро тақозо мекунад.**




Шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълим ҷузъи таркибии раёсати таълими донишгоҳ буда, бо мақсади амалӣ намудани нақшаҳои умумидонишгоҳӣ оид ба такмил ва татбиқи барномаҳо ва чорабиниҳо барои назорат ва рушди сифати таълим бо роҳи такмили раванди таълим дар сохтори донишгоҳ бо қарори Шурои олимони Донишгоҳ таъсис ёфта, тибқи талаботи Барномаи идоракунии сифати таҳсилот барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фармоиши Вазири маориф ва илми ҶТ аз 04.03.2013с., №497 ба роҳ монда шудааст.

Сифати таҳсилот ин қобилияти амалӣ намудани хизматрасониҳои таълимӣ ва бадастории сатҳи маърифатнокии таълимгирандагон махсуб ёфта, дар асоси он ба даст омадааст ва ба талаботи истифодабарандагони натиҷаи таълим ҷавобгӯ мебошад.

Идоракунии сифати таҳсилот ин таҳия ва татбиқи чунин маҷмуи чорабиниҳоест, ки имконият фароҳам меоварад, то ба таври самаранок хизматрасониҳои таълимӣ ба сатҳи сифатан баланд расонида шавад ва мувофиқати натиҷаҳои таҳсилотро бо талаботи истифодабарандагони он таъмин созад.

Барои таъмини низоми идоракунии сифати таҳсилот дар донишгоҳ дар асоси худбаҳодиҳии дохилии муассиса барномаи бисёрзинагӣ сохта мешавад ва он фаъолиятро дар самтҳое фаро мегирад, ки назорат ва баҳодиҳӣ ба сифати таҳсилот як ҷузъи таркибии он аст.

Вазифаҳои шуъба асосан ба санҷиши сатҳи сифати таҳсилот, донишазхудкунии донишҷӯён, назорати фаъолияти кафедраҳо, санҷиши рафти баҳодиҳии фаъолияти омӯзгорон, назорати саривақтии қарорҳои шурои олимон, раёсат ва шурои илмӣ-методии донишгоҳ, таҳлили дарсҳо ва муҳокимаи онҳо, назорати дарсҳои кушод, назорати ҷадвалҳои дарсӣ, баргузории мониторингҳои гуногун барои беҳтар гаштани сифати таҳсилот нигаронида шудааст.

Ҳамчунин, аз тарафи кормандони шуъба барои баланд бардоштани сатҳи касбияти омӯзгорон семинарҳои методӣ-таълимӣ, курсҳои омӯзишии маҳорати педагогӣ, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар раванди таълим ташкил ва гузаронида мешавад.

Самти фаъолияти шуъба, ки ба самарабахшии раванди таълим нигаронида мешавад:

- иштирок ба дарсҳои устодон, таҳлили илмии онҳо ва пешниҳоди тавсияҳои методӣ;
- назорати камеравии раванди таълим ва ошкор намудани ҷиҳатҳои мусбат ва манфии фаъолияти педагогии устодон;
- сабти электронии раванди дарсҳои устодон ва нигоҳ доштан дар бойгонии донишгоҳ;
- муайян кардани сатҳи касбият, дониш, малакаи кордонӣ, таҷриба ва ҷаҳонбинии илмии устодон;
- тарғиби таҷрибаи пешқадам, ташкили мубодилаи таҷрибаи ҳамдигар миёни устодон;
- пешниҳоди усулҳои самаранокии таълим, методҳои инноватсионии таълим ва роҳҳои истифодаи моҳиронаи онҳо дар дарс;
- назорати доимии ба дарс дермонӣ, дарсивазкунӣ, дарсшиканӣ ва сифати дарсгузаронии устодон;
- назорати сатҳи омодагии омӯзгор ба дарс, таҳияи бонки лексияҳо.

Вазифаҳои шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълим аз чунин самтҳо иборат мебошанд:

- баланд бардоштани сатҳу сифати таълим;
- ташкили усулҳои нави таълим;
- роҳандозӣ намудани усулҳои муосири таълим;
- назорати мақсаднoки иҷрои нақшаҳои таълимӣ;
- бо роҳи назарпурсӣ муайян намудани сатҳи сифати таълим ва таҳлилу пешниҳодҳои муфид ба раёсати таълим;
- ташкили базаи маълумотҳо ва иттилоот, дастур ва васоит, ҳолатҳои вокеъ дар бизнес-лоиҳаҳо.

Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи сифати таълим ва самаранокии он, ки дар яке аз баромадҳои Пешвои миллат таъкид шудааст: “Агар мо ба сифати баланди таълиму тарбия ноил нагардем, ислоҳоти соҳаи маориф арзише пайдо намекунад. Бинобар ин, дар тамоми зинаҳои таълим сифат бояд масъалаи асосӣ бошад”. Пас, барои расидан ба ин ҳадаф аллакай заминаи ташкил ва таъмини сатҳи сифати таълим барои мо муҳайё гардида, кормандони шуъбаро лозим аст, ки баҳри пиёда сохтани ин ҳадафҳо кӯшиш ба харҷ диҳанд.

**Асадулло МУЛЛОҶОНОВ,**
**сардори шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълим**

# МУВОФИҚ БА МАРҲИЛАИ НАВИ РУШД

**Дар замони соҳибистиқлолии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи маориф ҳамчун соҳаи калидии рушди ҷомеа диққати ҳамаҷониба зоҳир намуда, афзалиятҳои бештар ба ин соҳа дода мешавад. Албатта, таҷрибаи ҷаҳонӣ низ нишон медиҳад, ки пойдорӣ ва рушди давлатдорӣ аз соҳаи маориф сарчашма мегирад.**



Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз зумраи донишгоҳҳои бонуфузи кишвар мебошад, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ бо дастгирии наҷибонаи Роҳбарияти олии мамлакат ба фаъолият оғоз намуда, мутахассисони баландпояро дар соҳаи молия ва иқтисод омода менамояд.

Барои банда ҳамчун корманди донишгоҳ боиси ифтихор ва сарфарозист, ки санаи 20-уми декабри соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори нахуст ба макони илму маърифат, донишгоҳи воқеан дӯстдоштанӣ - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ташриф оварданд. Зимни ташрифашон Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои нави таълимиро, ки бо заҳмати софдилонаи роҳбарияти донишгоҳ ва коллективи меҳнатӣ, ҷавобгӯ ба стандартҳои байналмилалӣ сохта шудааст, ба истифода доданд. Бо ташрифи худ Пешвои миллат ба ин махзани илму дониш нуру сафо оварда, моро рӯҳбаланд ва орзуи чандинсолаи устодон ва донишҷӯёни донишгоҳро амалӣ намуданд.

Дар баробари ин, моро водор сохтанд, ки шогирдонро аз донишҳои замонавӣ бархӯрдор намуда, дар фаъолияти худ дучанд заҳмат кашем. Сатҳи сифати таълимро боло бурда, машғулиятҳоро бо сифати баланд гузаронем, дар тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва хештаншиносии шогирдон саҳм дошта бошем.

Аз ин рӯ, мо аҳли коллективи меҳнатии донишгоҳро мебояд бо пуштибонӣ аз сиёсати маорифпарваронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон самти фаъолияти худро ба маҷро ва марҳилаи нави рушд мувофиқ намуда, сидқан меҳнат кунем, кӯшиш намоем, ки дар расидан ба ҳадафҳои олии кишвар саҳмгузор бошем.

**Давронҷон ХОҶАЗОДА,**
**декани факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодӣ**

# ОЗМОИШГОҲИ ЗАМОНАВИИ ФАЪОЛИЯТИ ГУМРУКӢ ПАДИДАИ НАВ ДАР ДДМИТ

**Дар санаи 20 декабри соли 2022 бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бинои нави таълимии ДДМИТ ифтитоҳ гардид.**

Ин рӯз дар саҳфаи донишгоҳи мо рӯзи таърихист ва махсусан, барои бандa, зеро ман ҳамчун мутахассиси соҳаи гумрук аз наздик бо Пешвои муаззами миллат суҳбат кардам. Бароям ҳам ифтихор ва ҳам масъулияти баланд буд бо Роҳбари давлати тоҷикон рӯ ба рӯ истода, сухан гуфтан, зеро ин шараф ба ҳар нафар муяссар намегардад. Дар ин рӯз бори нахуст дар байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ озмоишгоҳи гумрукии ба талаботи муосири стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯй бо иштироки бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавриди амал қарор дода шуд.

Дарвоқеъ, сиёсати гумрукӣ яке аз фишангҳои муҳимми давлатӣ ба шумор рафта, ҳангоми истифодаи самараноки он ба афзоиши истеҳсолоти миллӣ метавон мусоидат кард. Афзоиш ёфтани истеҳсолоти миллӣ бошад, дар навбати худ, ба таъмини талаботи дохилӣ ва пешниҳоди ба содирот нигаронидашуда заминаи зарурӣ фароҳам меоварад. Яъне, дар шароите, ки ҳалли мушкилоти бештари иқтисодӣ ва иҷтимоӣ за савдои хориҷӣ вобаста аст, ба такмили сиёсати гумрукӣ ҳамчун омили афзоиши истеҳсолоти миллӣ ва иқтидори содиротӣ зарурат ба амал меояд. Бинобар ин, эътинои сариваҷтӣ ба вазъияти воқеӣ асоси муваффақият ба шумор меравад.

Дар асоси иҷроиши дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳбарияти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ҷиҳати дар раванди дарсҳо назарияро бо амалия мутобиқ сохтан озмоишгоҳи гумрукии ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯйро таъсис дод. Барои дастрас намудан ва ҷиҳозонидани озмоишгоҳи гумрукӣ ДДМИТ бо дастгирии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷалби «Лоиҳаи Рушди таҳсилоти олӣ» як қатор дастгоҳҳои техникии назорати гумрукиро харидорӣ намудааст, ки назир надоранд.

Таҷҳизоти муоинаи гумрукии бозикр аз 8 номгӯй иборат буда, маблағи онҳо тақрибан 30 млн доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

Таҷҳизоти мазкур дар дидбонгоҳҳои гумрукӣ вобаста ба эҳтиёҷоти онҳо насб гардида, заминаи мусоидро дар самаранокии фаъолият фароҳам хоҳад овард.

Озмоишгоҳи фаъолияти гумрукӣ аз ду қисмат: Қисмати якум аз сохтори дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадӣ бо нишон додани инфрасохтори он, аз ҷумла воситаҳои техникии назорати гумрукӣ ҳангоми барасмиятдарории гумрукӣ ва назорати гумрукии мусофирон ва бағоҷи онҳо иборат мебошад. Дар ин қисмат тартиби барасмиятдарории гумрукӣ ва назорати гумрукии мусофирон ва бағоҷи онҳо тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ, тарзи истифода бурдани воситаҳои техникии назорати гумрукӣ ва шаклҳои декларатсиякунонӣ дар мақомоти гумрук омӯзонда мешавад. Яъне, донишҷӯён аз раванди расмиёти гумрукӣ дар дидбонгоҳи гумрукии наздисарҳадӣ огоҳӣ пайдо менамоянд. Чунин тартиби барасмиятдарории гумрукӣ ва назорати гумрукии мусофирон ва бағоҷи онҳо мутобиқи конвенсияҳои байналмилалӣ дар ҳама кишварҳои ҷаҳон яхелаанд.

Қисмати дуюми озмоишгоҳи гумрукӣ аз худ намудани сохт ва тарзи истифодаи воситаҳои техникии назорати гумрукӣ мебошад. Дар рафти машғулиятҳо, донишҷӯён бо таҷҳизоти техникии истифодашаванда ва тарзи истифодаи онҳо, шаклҳои назорати гумрукӣ ва дигар амалҳои фаъолияти гумрукӣ шиносоӣ пайдо мекунанд.



Дар гузаронидани дарсҳои амалӣ ва таҷрибаомӯзии донишҷӯёни риштаи гумруки донишгоҳ саҳми роҳбарияти Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле назаррас мебошад.

Дар озмоишгоҳи мазкур донишҷӯён имкон доранд, ки дар асоси татбиқи донишҳои назариявӣ ба таври амалӣ бо фаъолияти соҳаи мақомоти гумрук пурра шинос гарданд ва ҳамчун мутахассиси баландпояи соҳа дар оянда фаъолияти босамар намоянд.

Баъд аз пурра роҳандозӣ намудани барномаи таълимии воситаҳои техникии назорати гумрукӣ барои мутахассисони ояндаи мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, имкониятҳои зерин пайдо мешаванд:

- таваҷҷуҳ ба соҳаҳои дорои таваккали баланд ва самаранок истифода карданӣ захираҳои дар ихтиёри соҳаи мақомоти гумрукбуда;
- гузариши назорат аз марҳилаи барасмиятдарории гумрукӣ дар маҳалли таъинот ба марҳилаи назорати баъди барасмиятдарории гумрукӣ;
- гурӯҳбандии иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ба рӯйхати сафед/сиёҳ бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид ба иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, ки қонунгузории гумрукиро риоя мекунанд;
- имконияти ошкор гардидани субъектони вайронкунандаи қонунгузории гумрукӣ ва нақшаҳои саркашӣ аз пардохти боҷи гумрукӣ ва андозҳо;
- баланд гардидани сифати ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумотҳо вобаста ба таваккали мавҷуда.

Албатта, дар амалия татбиқ намудани назария яке аз шартҳои асосии тақвияти донишҳои назарӣ ва заминаи омодасозии мутахассисони баландихтисос ба шумор меравад ва таъсиси ин озмоишгоҳ ба мо имкон медиҳад, ки донишҷӯён аз малакаҳои касбӣ огаҳӣ ёбанд ва ба истеҳсолот ҳамчун мутахассиси тайёр ворид шаванд, ки ин ҳамаро Пешвои миллат дар суҳбаташон махсус қайд намуданд.

**Қудратулло МИРАКОВ,**
**дотсенти кафедраи**
**фаъолияти гумрук**

# ШАРОИТИ МУСОИД – КАФИЛИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ

Одатан, дар поёни ҳар сол ҳар шахси алоҳида ва роҳбарияти муассисаву ташкилот ба фаъолияти солонаи хеш таваҷҷуҳ зоҳир карда, кору пайкори худро таҳлил менамояд ва ба амалҳои анҷомдодаи хеш тӯли ин муддат нигариста, ба он баҳо медиҳад. Умуман, агар вақту шароит пурсамар истифода гардад, рӯзгори оянда низ рӯ ба беҳбудӣ хоҳад овард.

Барои коллективи донишгоҳи мо 20-уми декабри соли 2022 рӯзи хотирмону таърихӣ гардид. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба ДДМИТ ташриф оварда, бинои нави таълимии панҷошёнаро ифтитоҳ намуда, мавриди истифодаи шогирдону устодони донишгоҳ қарор доданд. Ростӣ, он рӯз барои аҳли кормандону шогирдони қариб даҳҳазорнафараи муассисаи таълимамон иди ҳақиқӣ буд ва бовар дорам, ки ин рӯзи пур аз нишоту сурур дар таърихи донишгоҳ бо хатҳои заррин сабт мегардад.

Воқеан ҳам, бо ифтитоҳи бинои нави таълимӣ дар донишгоҳи мо Роҳбари давлат бори дигар ҳамчун Сарвари маорифпарвар будани худро собит намуданд. Он кас аз рӯзҳои нахустини ба ин маснад омаданашон, маорифро дар ҷойи аввал қарор дода, ҳамасола маблағҳои зиёдеро барои инкишофи соҳаи маориф ҷудо менамоянд, ки кори хайру савоб ҳам ҳаст. Бе илму дониш, малакаву истеъдод наметавон ба қуллаҳои баланди илмиву истеҳсолӣ расид. Ҳамин аст, ки муҳайё намудани шароити таҳсил барои такмили маҳорату малакаи донишҷӯён мусоидат менамояд.

Акнун ҳар як донишҷӯ ва мо, устодон, вазифадорем, ки танҳо ва танҳо барои такмил додани донишу маҳорати хеш кӯшиш намоем ва ин амали мо ҷавобан ба чунин ғамхорӣ хоҳад буд. Имрӯз бо ифтитоҳи бинои нави таълимии замонавӣ, ки тамоми шароитро барои таҳсил ва корҳои омӯзишӣ фароҳам овардааст, моро водор менамояд, ки ба сифати таҳсилот, амалӣ намудани донишҳои назариявӣ камари ҳиммат бандем, зеро танҳо масъулиятшиносӣ ва омӯзиши пайвастаи ҳар як шогирду устоди донишгоҳ метавонад моро ба мақсадҳои ниҳоиямон – баланд бардоштани сифати таҳсилот ва тарбияи кадрҳои баландихтисоси ҷавобгӯ ба бозори ҷаҳонӣ бирасонад.

Ҳангоми ифтитоҳи бинои нави таълимӣ, хусусан, ҳини шиносоӣ бо имкониятҳои фароҳамгардида дар озмоишгоҳи таълимии кафедраи фаъолияти гумрукӣ ин нукта аз ҷониби Роҳбари давлат қайд гардид. Пешвои миллат бо дастгоҳҳои наву замонавии омӯзишӣ, ки ба қавли мутахассисони соҳа таҷрибаи нахустин дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ба шумор меравад, таваҷҷуҳ намуда, истифодаи самараноки шароити мавҷударо аз тарафи омӯзгорону донишҷӯён талаб намуданд. Ҳоло дар донишгоҳи



мо 2300 адад таҷҳизоти муосири информатсионию коммуникатсионии навъи гуногун вуҷуд дорад ва ин имкон медиҳад, ки мувофиқи стандартҳои ҷаҳонӣ таълиму тарбия ба роҳ монда шавад. Дар соли таҳсили 2022 – 2023 қабули донишҷӯён аз рӯйи шаш ихтисоси нав ба роҳ монда шудааст, ки ин нуфузи муассисаи таълимиро дар байни дигар муассисаҳои таълимии кишвар боло мебардорад.

Бо мавриди истифода қарор додани ин бинои хуштарҳу замонавӣ ва дорои тамоми шароиту имконият аҳли донишгоҳ метавонад фаъолияти хешро боз ҳам пурвусъат гардонда, хусусан, дар татбиқи ҳадафҳои «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» солҳои 2020 – 2040 мусоидат намояд.

**Ҷаъфар ҚОДИРОВ,**
**эдвайзер оид ба тарбияи**
**факултети молия ва қарз**

# ШАМИМИ ОРЗУИ МО, ХУШ ОМАДЕД!

**Ба муносибати ташрифи Пешвои миллати тоҷик мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**
**20.12.2022**



Замини қалби мо чи сабзазор шуд,
Зи файзи мақдамат ба дил баҳор шуд.
Агарчи фасли дай алам ба сар гирифт,
Сарои илми мо чи меҳрбор шуд.

Хуш омадед, марҳабо, хуш омадед,
Шамими орзуи мо, хуш омадед.

Дигар чӣ бахт беҳтар аз чунин бувад,
Дигар чӣ хубтар дар ин замин бувад.
Ки ҳар қадомро зи юмни мақдамат
Сафо ба дил, ситора бар ҷабин бувад.

Хуш омадед, марҳабо, хуш омадед,
Шамими орзуи мо, хуш омадед.

Асосгузори ваҳдативу кишварӣ,
Ҳар он чи васф кардаанд, беҳтарӣ.
Ҷавону пир дар муҳаббатат ба сидқ
Хати вафо навишта дар кабӯтаре.

Хуш омадед, марҳабо, хуш омадед,
Шамими орзуи мо, хуш омадед.

Ба маърифатсарои мо хуш омадед,
Ки эй ҳазор дил зи баҳратан сапед.
Худойро ҳазор шукр, лутф кард,
Ба молияву иқтисод фар дамид.

Хуш омадед, марҳабо, хуш омадед,
Шамими орзуи мо, хуш омадед.

**Озод САИДҶАЪФАРОВ,**
**профессори кафедраи забони тоҷикӣ**

## ДУРАХШИ ҚАЛБИ ПОК



Ба фарқат тоҷи асли ковиён аст,
Матонат дар вуҷудат аз каён аст.
Аё, эй Пешво, дар таърихи давр,
Ҷаҳон гӯяд: «Абармарди замон аст!»
***
Шумо аз модари Марям нишона,
Нигоҳу меҳри покат тоҷикона.
Ба авроқи каломи худшиносӣ
Дурахши қалби покат ҷовидона.
***
Ба донишгоҳи мо нақши низомат,
Тавонмандии ишқи бардавомат.
Ба халқам мерасонам аз муҳаббат,
Биҳишти нақди мо некуайёмат.

**Ҷумъа МАХШУЛОВ,**
**устоди кафедраи забони русӣ**

# БА БОВАРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ САЗОВОР БОШЕМ



Соли 2022 барои аҳли коллективи меҳнатии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон соли бобарор, пурфайз ва пур аз музаффариятҳо буд. Дар ҷамъбасти сол рӯзи 20 декабр рӯйдоди фараҳбахш ва фаромӯшнашавандае рух дод, ки дар таърихи донишгоҳ бо хати заррин сабт хоҳад шуд. Дар ин рӯз Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ташриф оварда, бинои нави таълимиро ифтитоҳ намуданд, ки барои мо ифтихор ва шарафи бузург аст. Зеро вақте ки Пешвои муаззами миллат ба дигар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар сафар мекарданд, мо орзу доштем, ки ба таълимгоҳи мо низ биёянд. Зеро ташрифоти Пешвои миллат ба он макон нуру зиё, файзу нусрат меорад, ки мо онро имрӯзҳо дар донишгоҳ дида истодаем.

Ба корҳои анҷомдода ва шароитҳои фароҳамовардаи роҳбарияти донишгоҳ баҳои баланд додани Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон бароямон, аз як тараф, ифтихор аст, аз тарафи дигар, эҳсоси дучанди масъулият ва садоқат ба Ватан ва Пешвои муаззами миллат дар иҷрои софдилонаи рисолати бардӯшдоштаамон мебошад, зеро андешаву гуфтор ва рафтори ҳар яки мо бояд ба ин эътимод сазовор бошад. Ташрифи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба донишгоҳ эътибор ва нуфузи онро боз ҳам боло бардошт ва дар баробари ин масъулият ва неруямонро тақвият бахшида, ба ояндаи дурахшон некбинамон кард.

Агар ба таърихи на чандон тӯлонии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон назар андозем, мебинем, ки он маҳз дар даврони соҳибистиқлолӣ бо намои нав ташаккул ёфт ва дар миёни муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар эътибори баландеро соҳиб шуд. Имрӯз метавон аз заҳматҳо ва машваратҳу дастгириҳои роҳбарони қаблии донишгоҳ ёдовар шуд, зеро ҳар қадоми онҳо дар ташаккул ва бунёди ДДМИТ ҳамчун кохи маърифат хиштеро гузоштаанд. Вале ин ҷо аз фаъолияти пурсамари ректори кунунии донишгоҳ, роҳбари ҷавону умедбахш Абдуалимзода Ҳакимбек низ бояд ёдовар шуд, зеро саҳми ӯ дар ободонӣ, пешравӣ ва ташаккули ин таълимгоҳ ҳамчун маркази омодасозии кадрҳои соҳаи молия ва иқтисод хеле назаррас аст. Ӯ тавонист дар муддати кӯтоҳ худро ҳамчун роҳбари кордон ва масъулиятшинос нишон диҳад, ки аз сиёсати ҷавонпарваронаи Президенти мухтарам маншаъ мегирад. Бешак, ҳамаи ин пешравиҳо маҳз бо дастгирию дилгармкуниҳои мухтарам Пешвои миллат роҳандозӣ шуданд.

Дар идомаи ин ташаббусу иқдомҳо ва зери партави сиёсати маорифпарваронаи Пешвои муаззами миллат мо бояд сидқан меҳнат ва дастуру супоришҳои Роҳбари давлатро дар самти боло бурдани сатҳу сифати таълим, омода намудани мутахассисони соҳибтахассуси забондон бетаъхир ва муташаккилона иҷро намоем. Зеро дар шароити феълӣ мутахассис пешбарандаи соҳа буда, рушди самтҳои алоҳидаи соҳа аз малакаю маҳорати мутахассис вобастагии зич дорад. Аз ин рӯ, ҳам омӯзгорон ва ҳам толибилмон бояд аз шароитҳои муосири замон самаранок истифода бурда, барои болобурди сифати таълим, донишазхудкунӣ ва ташаббускорӣ саъю талош варзанд ва ба боварии Пешвои миллат сазовор бошанд.

**Машҳура АБДУЛЛОЕВА,**
**рӯзноманигор**

# АЗ ПАЙИ ИҚДОМОТИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Кудуми муборакӣ Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба донишгоҳе, ки дар миёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ дар мақоми чаҳорум қарор дорад - Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фоли нек буда, ин ташриф файз, нур, умед ба ояндаи дурахшон ва шодиву фараҳ овард. Аз ин пазироии аҳли коллектив имрӯзҳо дар забони ҳар донишҷӯю устод ва корманди донишгоҳ суханҳои нек ва дар андешаашон зиндагии осоиштаву амнияти ояндаи хувайдост.

Қавлу амал ва қадамҳои собитқадамона ба сӯи сулҳу ваҳдати миллӣ ниҳодаи Пешвои миллат, ки чун нақш дар санг дар дилу дидаи ҳар сокини ҷумҳурӣ умрхо ҷовидона боқӣ мемонад, барои насли имрӯз ва фардо як дарси ҷавонмардию ватандорист.

Иқдомҳои шоистаи Пешвои муаззами миллат дар мавриди рушди илму маориф ва роҳандозии озмунҳои ҷумҳуриявӣ як бори дигар собит сохт, ки халқи тоҷик аз азал ташнаи илму маърифат ва китобхон аст. Банда инро дар фазои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон низ эҳсос менамоям. Зеро дар ин озмунҳои ҷумҳуриявӣ устодону донишҷӯёни мо иштирок намуда, сазовори ҷойҳои ифтихорӣ гардиданд, ки далели гуфтаҳои болост.



Тақдими шоҳасари «Тоҷикон» ба ҳар хонаводаи кишвар боз як иқдоми хирадмандона ва дурбинонаи Пешвои муаззами миллат аст ва итминон дорем, ки пас аз мутолиаи ин китоб ва пайдо кардани шинохти дуруст ва фарҳанги таърихи гузаштаи хеш мардуми сарбаланди мо боз ҳам беҳтару бештар барои ободсозиву гулгулшукуфии Ватан камари ҳиммат баста, талош мекунанд, то ному пайкори созандаи онҳо низ дар таърихи кишвари соҳибистиқлоли мо сабт гардад.

Мусаллам аст, ки ҳар яки ин иқдомоти Пешвои муаззами миллат барои тақвияти маърифати зеҳнии мардуми кишвар ва ба китоб рӯ овардани он роҳандозӣ гардидааст. Аз ин рӯ, ҳар яки моро мебояд дар атрофи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷамъ омада, барои шукуфоии кишвари маҳбуб ва пиёдасозии барномаҳои рушд ва дигар нақшаҳои дурнамо бо омодасозии кадрҳои ҷавобгӯ ба талаботи замон саҳм дошта бошем.

**Тағоймурод ЭШЗОДА**

Молия ва иқтисод
Камоли одамӣ дар илм бошад
Нашрияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
Муассис: Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Сармуҳаррир:
Машҳура Абдуллоева

Муҳаррирон:
Раъно Ҳакимова
Эшов Тағоймурод
Наврӯз Ҷобиров

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №300/РЗ-97 аз 12 апрели соли 2022 ба ҳисоб гирифта шудааст.
**Нишонӣ: ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64\14**
**Тавзеҳ:**
Дастнавис қабул карда намешавад. Мавод бояд бо ҳуруфи **Arial Tj**, андозаи 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Нашрия на бо ҳама афкори муаллифон мувофиқ буда, ба хотири гуногунандешӣ матолиби мухталифро ба табъ мерасонад.

**Дар матбааи «Мега-принт» нашр мешавад.**
**Теъдоди нашр 1000**
**Нарххаш шартномавӣ**

www.tgfeu.tj
E-mail: gazetadmit@tgfeu.tj
**Телефон: 93-422-56-96**